**Тақриз**

Ба автореферати Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи **«Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон

Диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат ба таҳқиқи масъалаҳои назариявии таърихи ташаккули ислоҳоти забоншиносии тоҷик бахшида шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ дар ин аст, ки бояд илми забоншиносӣ дар баробари дигар масъалаҳо таърихи ташаккули истилоҳотро мавриди таҳқиқ қарор дода, донишҳои забоншиносии худро дар асоси таърихии он инкишоф диҳад. Зеро, маҳз истолоҳот заминаи асосии дарки дониш ва илмҳо буда, дар шароити кунунӣ таҳқиқу баррасӣ намудани он муҳим аст. Таърих гувоҳ аст, ки дар асри миёна, махсусан, асрҳои X-XIX бо забони ноби адабии форсии тоҷикӣ осори зиёди илмиву бадеӣ таҳия гардидаанд, ки ин осор хазинаи ганҷинаи бузурги фарҳанги тоҷиконро дар масири таърих ташкил медиҳанд. Дар ин осор оид ба соҳаи илми мухталифи замон, аз қабили забоншиносиву адабиётшиносӣ, тиб, фалсафа, таърих, ҷуғрофия, мантиқ, ҳандас ва дигар соири илмҳо, инчунин, касбу ҳунарҳои милливу мардумӣ истилоҳоти зиёде мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Қисми зиёди ин истилоҳот ба забони тоҷикӣ аз забони арабӣ иқтибос шуда, инчунин аз забонҳои юнонӣ, лотинӣ, ҳиндӣ низ баъзе истилоҳот дар ин давра мавриди корбурд қарор мегирифт.

Қайд кардан ба маврид аст, ки алломаи машриқзамин Абуалӣ ибни Сино нахустин донишмандоне мебошад, ки ба коркарду таҳияи истилоҳоти илмии тоҷикӣ замина гузоштааст.

Объекти таҳқиқоти мазкурро, осори илмию адабӣ ва фарҳангҳои тафсирии гузашта ва муосир ташкил додааст

Предмети таҳқиқот. Муайян намудани таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик дар асоси донишномаҳо ва фарҳангномаҳо.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 170 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмет, манбаъҳо, асосҳои назарӣ ва методологии илмӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, навгонии илмиву тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Боби якуми диссертатсия "Назаре ба таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик" унвон дошта, дар он аз бобати омӯзиши таърихи истилоҳоти забоншиносии тоҷик сухан рафтааст.

Боби дуюми диссертатсия – "Гурӯҳбандии истилоҳоти забоншиносӣ" ба таҳқиқи хусусиятҳо ва гурӯҳбандии истилоҳоти забоншиносии тоҷик бахшида шудааст.

Боби сеюми диссертатсия "Истилоҳоти забоншиносии тоҷик дар даврони муосир" унвон дошта, аз 2 зербоб иборат аст. Боби мазкур ба таҳқиқи истилоҳоти забоншиносӣ дар даврони истиқлол бахшида шудааст.

Натиҷаҳои аз омӯзишу таҳқиқоти аз диссертатсионӣ ба дастомадаро муаллиф дар бандҳо хулосабарорӣ намудааст, ки ин хело назаррас мебошад.

Доир ба мавзуи диссертант 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба чоп расонидааст.

Бо вуҷуди комёбиҳои назаррас дар диссертатсия

баъзе камбудихо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Дар диссертатсия хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

Диссертатсияи ба тақриз пешниҳодшудаи Нажмудинзода Рисолат Хайридин кори анҷомёфта буда, ба талаботи «Низомномаи шурои диссератсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Муқарризи ғайрирасмӣ:**
Профессори кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои филологӣ Раҳмон Наргис Шариф

Суроға: 734003 ш. Душанбе, н. Сино, хиёбони
Нусратулло Махсум 8/4, 43
Телефон: 917-09-02-99;
Email:: nargisbonu66@mail.ru.

Имзои профессор Раҳмон Н.Ш-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Насрудинзода Аслиддин

**Суроға:**734003 ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (992 37) 224-17-86
www.apa.tj

18.08.2025